ТДУ: 332.3,63(575.3)

# ҲОЛАТИ ҲОЗИРАИ ҲУДУДҲОИ ДЕҲОТ ВА ХОҶАГИИ ҚИШЛОҚИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

**Самандаров И. Ҳ., д.и.и., профессор,**
**Мирзоев С., Самандарова С. И., унвонҷӯён - ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур**

***Калимаҳои асосӣ:*** *ustainable rural development, food security, agriculture, provision of the population, economic conditions, social conditions, production potential, agro industrial complex.*

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун аъзои баробарҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба татбиқи ислоҳоти иқтисодӣ ва муттаҳидӣ (интегратсия) - и бузург дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ кӯшиш мекунад. Бо вуҷуди ин бояд гуфт, ки айни замон механизми ягонаи иҷрои вазифаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ барои давраҳои миёнамуҳлат ва дарозмуддати дар назди мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ истода вуҷуд надорад. Дар доираи мавриди амал қарор додани ҳуҷҷатҳои стратегии сатҳи мамлакат чун «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2030» ва «Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии аҳолии Тоҷикистон барои солҳои 2016 - 2020», дар доираи вилояти Хатлон бошад, «Барномаи рушди иҷтимоиву иқтисодии вилояти Хатлон барои солҳои 2016 - 2020» нақши муҳим мебозанд.

Вазифаҳои асосии Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2030 ба Консепсияи рушди босамари инсонӣ такя намуда, пурра аз байн бурдани камбизоатӣ, ба роҳ мондани моделҳои устувор ва пеш бурдани моделҳои босуботи истеъмолию истеҳсолӣ, ҳамчунон ҳифз намудану истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ бо мақсади рушди минбаъдаи иқтисодию иҷтимоӣ вазифаҳои асосӣ ва ҳаётан муҳимми консепсияи мазкур ба ҳисоб мераванд.

Бо назардошти ин нуктаҳо афзалиятҳои асосии рушди мамлакат баъди соли 2015 ба миён омадааст, ки барои татбиқи онҳо идеологияи иқтисодӣ, принсипҳои базавӣ ва тадбирҳои маҷмуе, ки дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2030 зикр шудааст, равона карда шудааст.

Амалиётҳои асосӣ барои муваффақ гардидан ба мақсадҳои гузоштаи стратегия оид ба таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои босифат чунин шарҳ додан мумкин аст:

- рушд бахшидани ислоҳоти аграрӣ ва обёрӣ;
- таъминоти дастрасии иқтисодӣ ва озуқаворӣ дар асоси талаботи рушди босуботи сектори агросаноатӣ;
- мутобиқгардонӣ (диверсификатсия) - и истеҳсолоти кишоварзӣ, аз он ҷумла татбиқи инноватсия бо назардошти таъсири камтарин ба муҳити атроф ва сифати замин, таҳияи тадбирҳо оид ба иваз намудани моддаҳои кимиёвии зарарнок ба нуриҳои ивазкунанда, баланд бардоштани ҷаззобии секторҳои аграрӣ, бахусус дар хоҷагиҳои деҳқонӣ аз ҳисоби ташаккул додан ва мустаҳкам намудани силсилаи арзиши иловагӣ;
- фароҳам овардани системаи самарабахш дар бобати идоракунии хавфҳо ва мониторинги амнияти озуқаворӣ ва дастрасии ғизои комил (дастгирии истеҳсолот ва воридоти маҳсулоти ғизоии ҳаётан муҳим, ташкили системаи мониторинг аз болои ғизо);
- рушди низоми муносибати бисёрҷанбаи самарабахш оид ба ғизои комили беҳтаргардонда бо роҳи мутобиқгардонии сиёсат дар соҳаи хоҷагии деҳот, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ, баланд бардоштани огоҳиҳо оид ба арзишнокии ғизо ва сиёсати самарабахши маблағгузории онҳо;
- ташаккул додани низоми идоракунии захираҳои заминию обӣ дар пойгоҳи тақсими боадолат ва устувор барои парвариши зироатҳои арзишноки кишоварзӣ;
- амалиёти устувори низоми нигоҳубин ва истифодаи инфрасохтори обрасонӣ ва заҳбуркашӣ ҳамчун асоси босуботи амалиёти зироатпарварии обёришаванда ва амнияти озуқаворӣ, машғулияти аҳолии деҳот ва паст фаровардани сатҳи камбизоатӣ дар маҳалҳо;
- барқарор намудани системаҳои обрасонӣ ва заҳбурҳо барои баланд бардоштани таъминоти зироатпарварии обёришаванда, беҳтар гардонидани вазъи заминҳои шӯрзада ва ба ботлоқ табдил ёфта;
- татбиқи низоми самарабахши ҳавасмандсозии давлатӣ дар бобати аз худ намудани заминҳои нав ва ба гардиши кишоварзӣ баргардонидани заминҳои шӯразада ва ботлоқшуда.

Хоҷагиҳои кишоварзӣ соҳаи муҳимтарини иқтисодиёти вилояти Хатлонро ташкил медиҳанд. Бо ин дар сатҳи тақсимоти меҳнати ҷумҳуриявӣ тахассусгардонии онро муайян мекунанд.

Дар ин маврид ба рушди корхонаҳои калони соҳаи маҷмуи агросаноатӣ диққат додан зарур аст. Онҳо метавонанд дар бозори мамлакатҳои кишоварзӣ рақобатпазир бошанд, ба рӯйдодҳои бӯҳронӣ дар иқтисодиёти мамлакат тобовар гарданд, аз технологияҳои парвариши зироатҳои кишоварзӣ истифода баранд, парвариши чорво васеъ карда шавад, мошинолот ва таҷҳизоти муосир харидорӣ карда мавриди истифода қарор гирад.

Оқилона ҷори ва истифода намудани амалиётҳои дар боло овардашуда таъсири мусбии худро ба раванди истеҳсолот мерасониданд, ки дар натиҷа ҳолати соҳаи кишоварзӣ ва таъмини маводҳои ғизои аҳоли беҳтар мегардад. Барои муайян намудани ҳолати ҳозираи соҳаи кишоварзӣ ва дар асоси он муайян намудани қазияҳои мавҷудбуда ва роҳҳои ҳалли онро муайян намудан кумак мерасонад, ҷадвали 1.

Чӣ тавре ки аз ҷадвали 1 дида мешавад, дар давраи таҳқиқшаванда ҳаҷми истеҳсоли ҳамаи намудҳои маҳсулоти истеъмолии ба таври намуна овардашуда тамоюли зиёд шудан доранд. Аммо нисбат ба меъёри миқдории гузошташуда истеҳсол ба ҳар як сар аҳолӣ ҳоло ҳам кам аст. Рушди соҳа ба сатҳи

истеҳсолот ва истеъмолоти маҳсулот нисбат ба ҳар сари аҳолӣ муайян карда мешавад, ки он бо ҳисоби маҳсулоти дар ҳамаи дараҷаи хоҷагӣ истеҳсол шуда дар сатҳи паст боқӣ мондааст.

**Ҷадвали 1 – Ҳиссаи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии вилояти Хатлон дар муқоиса ба ҷумҳурӣ, %**

| Нишонди-ҳандаҳо | Солҳо | | | | | | С. 2017 насбат ба с. 2012,% |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | |
| Зироатҳои ғалладонагӣ | 64,8 | 63,1 | 62,8 | 60,3 | 60,6 | 62,4 | 96,3 |
| Пахтаи хом | 67,7 | 70,2 | 72,1 | 69,6 | 67,8 | 67,2 | 99,3 |
| Картошка | 25,5 | 25,5 | 26,7 | 27,2 | 27,4 | 20,8 | 81,3 |
| Сабзавот | 49,9 | 51,8 | 54,6 | 54,2 | 54,6 | 54,9 | 110,1 |
| Полезиҳо | 79,2 | 80,3 | 77,5 | 74,4 | 78,0 | 76,4 | 96,5 |
| Мевагиҳо | 37,2 | 38,2 | 39,6 | 49,5 | 43,6 | 42,9 | 115,3 |
| Ангур | 46,8 | 47,3 | 46,2 | 47,4 | 46,5 | 44,4 | 94,9 |
| Гушти чорво ва парранда (бо вазни зинда) | 51,4 | 52,5 | 52,1 | 53,7 | 53,9 | 55,4 | 107,8 |
| Шир | 46,4 | 47,4 | 48,0 | 48,6 | 48,7 | 49,2 | 106,2 |
| Тухм (млн. дона) | 17,9 | 16,6 | 17,4 | 18,1 | 20,5 | 22,0 | 122,8 |
| Пашм | 65,6 | 65,2 | 65,7 | 67,1 | 65,8 | 66,7 | 101,6 |

Чӣ тавре ки аз рақамҳои ҷадвали 2 дида мешавад, ба истиснои истеҳсоли картошка ба ҳар сар аҳолӣ дар дигар намудҳои маҳсулот тамоили зиёдшавиро дорад. Ин дарҳолест, ки шумораи аҳолӣ сол то сол зиёд шуда истодааст. Дар ин бора тадқиқоти гузаронида дар тамоми категорияҳои хоҷагиҳои вилояти Хатлон шаҳодат медиҳанд.

**Ҷадвали 2 - Ҳиссаи маҳсулоти кишоварзии вилояти Хатлон дар муқоиса ба ҷумҳуриявӣ, %**

| Намуди маҳсулот | Солҳо | | | | | | С.2017 нисбат ба с. 2012% |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | |
| Ҳамаи категорияи хоҷагиҳо, ҳамагӣ | 54,0 | 50,7 | 51,5 | 51,3 | 51,9 | 51,9 | 96,3 |
| аз он ҷумла: | | | | | | | |
| Корхонаҳои кишоварзӣ | 28,5 | 31,0 | 24,3 | 23,4 | 27,5 | 31,2 | 109,8 |
| Хоҷагиҳои аҳолӣ | 61,0 | 52,6 | 54,4 | 54,4 | 55,0 | 54,9 | 89,9 |
| Хоҷагиҳои деҳқонӣ | 52,4 | 52,7 | 55,3 | 54,2 | 53,4 | 52,5 | 100,2 |

Дар асоси таҳлили маълумотҳои омори истеҳсоли оварда шуда гуфтан мумкин аст, ки маҷмуи масулоти хоагии деҳот дар вилояти Хатлон дар ҳамаи (категорияҳои хоҷагиҳо) нисбат ба ҳисоби миёнаи ҷумҳуриявӣ дар давраи таҳлилшаванда 51,9% -ро ташкил медиҳад.

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки ҳолати ҳозираи рушди соҳаи кишоварзӣ ва ҳудудҳои деҳот як қатор амалиётҳое, ки барои расидан бо мақсадҳои гузошташуда ҳоло ҳам беҳбудиро металабад, ки инҳоро чунин шарҳ додан мумкин аст:

1. баланд бардоштани дастрасии тухмиҳои беҳтаргардонидашуда ва нурии манфиатовар дар бозори ватанӣ, зиёд намудани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ бо роҳи ҳавасмандкунонии истифодаи усулҳои нави кишоварзӣ ва технологияҳо;
2. рушди бозори маҳсулоти ғизоӣ ва бартараф намудани монеаҳо барои таъмини дастрасии бевосита ба бозори истеҳсолкунандагони кишоварзӣ;
3. такмил додани механизмҳои иқтисодии таъминоти рӯйпӯш намудани хароҷоти нигоҳубин ва истифодабарии инфрасохторҳои низоми обёрӣ ва заҳбурҳо дар зироатпарварии обёришаванда, такмил додани низомҳои давлатии субсидиякунонии нерӯи барқ барои обёрии мошинӣ, паст фаровардани таъсири манфии сиёсати тарифӣ дар низоми обёрӣ ва заҳбурӣ дар мавриди амалиёти самарабахши соҳа;
4. ҳал намудани масъалаҳои гузаштан аз инфрасохторҳои собиқи дохили хоҷагии низомҳои обёрӣ ва заҳбурҳо ба ассотсиатсияҳои обёрӣ ва тақвият бахшидани дастгирии давлатӣ баҳри рушд ва амалиёти ин ассосиатсияҳо, беҳтар ва самарабахш мебошанд.

## АДАБИЁТ


1. Ашуров И.С. Аграрная реформа Республики Таджикистан - М.: НИПКИ Восход-А, 2008. – 331 с.
2. Барномаи рушди миёнамуҳлати Ҷумҳурии Тоҷкистон дар давраи солҳои 2016 - 2020
3. Баутин В.М., Козлов В.В., Мерзлов А.В. и др. Устойчивое развитие сельских территорий: вопросы стратегии и тактики - М.: ФГНУ Росинформагротех, 2004
4. Буздалов И.Н. Социальное рыночное хозяйство как базовое общественное условие устойчивости развития агропродовольственной системы // Многофункциональность сельского хозяйства и устойчивое развитие сельских территорий - М.: Энциклопедия русских деревень, 2007. - С.5-12

5. Мадаминов А.А. Проблемы устойчивого развития аграрного сектора Таджикистана – Душанбе, 2006. - 300 с.
6. Омории вилояти Хатлон. Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон – 2017
7. Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии аҳолии Тоҷикистон барои солҳои 2016 - 2020 дар вилояти Хатлон
8. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷкистон дар давраи то соли 2030
9. Хоҷагии қишлоқи Ҷумҳурии Тоҷикистон - 2018. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон - Душанбе, 2018. - 349 с.

**АННОТАЦИЯ**
**СОВРЕМЕННОЕ СОСТОЯНИЕ ГРАНИЦ СЕЛЬСКИХ ТЕРРИТОРИЙ И СЕЛЬСКОГО ХОЗЯЙСТВА ХАТЛОНСКОЙ ОБЛАСТИ**

В статье рассматриваются современное состояние границ сельских территорий и сельского хозяйства как важнейшая отрасль экономики, а также пути решения этой проблемы. Особое внимание уделяется развития сельских территорий и сельского хозяйства в Хатлонской области.

**ANNOTATION**
**THE CURRENT STATE OF RURAL AND AGRICULTURE OF THE KHATLON REGION**

The article considers the current state of rural areas and agriculture as the most important sector of the economy, as well as ways to solve these problems. Of particular importance is the development of rural areas and agriculture of the Khatlon region.

***Keywords****: sustainable rural development, food security, agriculture, provision of the population, economic conditions, social conditions, production potential, agro industrial complex.*